# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Давлатзода Муслим Сайбурҳон дар мавзуи “Таҳлили вижагиҳои истифодаи аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ). – Душанбе, 2026. – 184 с.**

Таҳқиқоти диссертатсионии **Давлатзода Муслим Сайбурҳон** ба яке аз масъалаҳои мубрами забоншиносии муосир – омузиши таърих, ташаккул, рушд ва вижагиҳои истифодаи аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шуда, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) мутобиқат менамояд, зеро мавзуи мазкур дар доираи забоншиносии муқоисавӣ ва типологӣ аҳаммияти вижа дошта, омузиши он барои муайян намудани умумиятҳо ва фарқиятҳои хусусиятҳои корбурди аломатҳои китобат дар забонҳои гуногун, аз ҷумла, забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аҳаммияти назаррас дорад.

Аломатҳои китобат ҳамчун яке аз воситаҳои муҳимми ташкили нутқи хаттӣ дар таъмини дурустии маъно, ифодаи муносибатҳои синтаксисӣ ва мантиқии байни воҳидҳои забонӣ, инчунин, дар инъикоси мақсаду нияти муаллифи матн нақши муҳим доранд. Аз ин рӯ, таҳқиқи ҳамаҷонибаи хусусиятҳои истифодаи онҳо на танҳо аҳаммияти назариявӣ, балки аҳаммияти амалӣ низ дорад.

Мубрамии мавзуи интихобшуда дар он зоҳир мегардад, ки дар замони муосир, ки воситаҳои электронии иртибот ва матнҳои рақамӣ ба яке аз шаклҳои асосии мубодилаи иттилоот табдил ёфтаанд, омузиши хусусиятҳои корбурди аломатҳои китобат дар забонҳои гуногун яке аз масъалаҳои муҳимми забоншиносӣ ба ҳисоб меравад.

Диссертатсияи Давлатзода Муслим Сайбурҳон аз рӯйхати ихтисораҳо, муқаддима, се боб, даҳ фасл ва зерфаслҳо, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва феҳристи интишороти илмии муаллиф иборат мебошад. Сохтори диссертатсия ба

мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ мувофиқат дошта, пайдарпайии мантиқии баррасии масъалаҳои мавриди назарро таъмин менамояд. Дар муқаддима дастгоҳи илмии таҳқиқ ба таври мукаммал пешниҳод гардида, мубрамии мавзуъ, дараҷаи омузиши масъала, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои назариявию методологӣ, усулҳои таҳқиқ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳо, нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, саҳми шахсии муаллиф ва маълумот оид ба интишор ва тасвиби натиҷаҳои таҳқиқ бо низоми муайяни илмӣ асоснок карда шудаанд.

Навгонии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки дар диссертатсия масъалаҳои назариявӣ ва амалии аломатҳои китобат, хусусиятҳои сохторӣ ва маъноии онҳо, вазифаҳои наҳвию услубии аломатҳои китобат, инчунин, умумиятҳо ва тафовутҳои истифодаи онҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор гирифтаанд. Натиҷаҳои бадастомада барои такмили тасаввуроти илмӣ оид ба низоми аломатҳои китобат дар забонҳои муқоисашаванда аҳаммияти муҳим доранд.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои бадастомада барои тавсеаи донишу тасаввуроти илмӣ оид ба низоми аломатҳои китобат дар забоншиносии муқоисавӣ ва типологӣ мусоидат менамоянд.

Хулосаҳои назариявии муаллиф метавонанд дар таҳқиқоти минбаъдаи марбут ба масъалаҳои пунктуатсия, наҳв, услубшиносӣ, фарҳанги нутқи хаттӣ ва омузиши муқоисавии забонҳо ҳамчун маводди илмӣ истифода шаванд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ аз он иборат аст, ки натиҷаҳо ва маводди таҳлилшуда метавонанд дар таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, барномаҳои фаннӣ, курсҳои махсус ва лексияҳои марбут ба забоншиносии муқоисавӣ, забоншиносии типологӣ, назарияи тарҷума, инчунин, дар таълими забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди истифода қарор гиранд. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ бо истифодаи маводди фаровони

назариявӣ ва амалӣ, таҳлили ҳамаҷонибаи маводди забонӣ, истифодаи усулҳои мувофиқи таҳқиқоти забоншиносӣ ва мутобиқати натиҷаҳои бадастомада ба ҳадаф ва вазифаҳои гузошташуда таъмин гардидааст.

Саҳми шахсии довталаб дар он ифода меёбад, ки масъалаи таҳлили вижагиҳои истифодаи аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар доираи забоншиносии муқоисавӣ ва типологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал ба таври фарогир ва низомманд мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллиф дар раванди таҳқиқ аз сарчашмаҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ истифода намуда, масъалаи мавриди назарро аз ҷиҳатҳои гуногун мавриди омузиш қарор додааст.

Боби якуми диссертатсия таҳти унвони **“Асосноккунии назариявии хусусиятҳои аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ”** аз чор фасл иборат буда, ба таҳлили масъалаҳои назариявии марбут ба пайдоиш, ташаккул, рушд ва вазифаҳои аломатҳои китобат бахшида шудааст. Дар ин боб заминаҳои илмии омузиши пунктуатсия муайян гардида, мафҳумҳои асосии марбут ба аломатҳои китобат дар асоси андешаҳои муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ баррасӣ шудаанд.

Дар фасли якуми боби мазкур, ки **“Маъноҳои луғавӣ ва истилоҳии “пунктуатсия””** ном дорад, мафҳумҳои асосии “пунктуатсия” ва “аломатҳои китобат” аз ҷиҳати луғавӣ ва истилоҳӣ шарҳ дода шуда, муносибатҳои гуногуни назариявии муҳаққиқон нисбат ба ин мафҳумҳо таҳлил гардидаанд. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки заминаҳои назариявии омузиши аломатҳои китобатро муайян намуда, мавқеи онҳоро дар низоми забон нишон диҳад.

Фасли дуюми боби якум таҳти унвони **“Таърихи ташаккул ва рушди хат ва пунктуатсия дар сохтори забонҳо”** ба баррасии марҳилаҳои пайдоиш ва рушди хат, инчунин, ташаккули низоми аломатҳои китобат бахшида шудааст. Дар ин фасл робитаи байни рушди хат, ниёзҳои муоширати хаттӣ ва пайдоиши воситаҳои пунктуатсионӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Фасли сеюми боби якум **“Аҳаммияти аломатҳои китобат дар ифодаи мақсад”** ном дошта, дар он нақши аломатҳои китобат дар ташкили маънои

ҷумла, ифодаи мақсади гуфтор ва таъмини дуруст дарки матни хаттӣ баррасӣ шудааст. Муаллиф бо таҳлили маводди забонӣ нишон медиҳад, ки аломатҳои китобат танҳо воситаи ҷудокунии унсурҳои матн набуда, балки дар ташаккули маъно ва ифодаи муносибатҳои мантиқӣ низ нақши муҳим доранд.

Дар фасли чоруми боби якум таҳти унвони **"Ташаккули назарияи аломатҳои китобат ва тамоюлоти асосии он дар забоншиносии муосир"** масъалаҳои марбут ба рушди назарияи пунктуатсия ва равишҳои муосири омузиши он мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф таваҷҷуҳи худро ба ҷойгоҳи аломатҳои китобат дар таҳқиқоти муосири забоншиносӣ равона намуда, тамоюлҳои асосии омузиши онҳоро муайян кардааст.

Боби дуюми диссертатсия таҳти унвони **"Вазифаҳои сохторию маъноии аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ"** аз се фасл иборат буда, ба таҳлили вазифаҳои сохторӣ, маъноӣ, наҳвӣ ва услубии аломатҳои китобат дар забонҳои муқоисашаванда бахшида шудааст. Дар ин боб муаллиф кӯшиш намудааст, ки нақш ва вазифаи аломатҳои китобатро дар ташкили воҳидҳои забонӣ, сохтори ҷумла ва матн муайян намуда, хусусиятҳои истифодаи онҳоро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ муқоиса намояд.

Дар фасли якуми боби дуюм, ки **"Хусусиятҳои хоси аломатҳои китобат дар забони тоҷикӣ"** ном дорад, хусусиятҳои истифодаи аломатҳои китобат дар забони тоҷикӣ дар асоси меъёрҳои забони адабӣ ва маводди воқеии забонӣ таҳлил гардидаанд.

Муаллиф вазифаҳои гуногуни аломатҳои китобатро дар сохтори ҷумла, ифодаи муносибатҳои наҳвӣ ва таъмини робитаи маъноии байни қисмҳои матн муайян намудааст. Дар фасл масъалаҳои марбут ба истифодаи аломатҳои китобат дар нутқи хаттӣ ва нақши онҳо дар равшанӣ ва дақиқии баёни фикр баррасӣ шудаанд.

Фасли дуюми боби дуюм ба таҳлили хусусиятҳои хоси аломатҳои китобат дар забони англисӣ бахшида шудааст. Дар ин фасл муаллиф вижагиҳои

истифодаи аломатҳои китобатро дар сохтори ҷумлаҳои англисӣ мавриди омӯзиш қарор дода, хусусиятҳои фарқкунандаи низоми пунктуатсионии ин забонро нишон медиҳад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аломатҳои китобат дар забони англисӣ низ ҳамчун воситаи муҳимми ташкили маъно ва таъмини пайдарҳамии мантиқии матн амал мекунанд.

Дар фасли сеюми боби дуюм таҳти унвони **"Аломатҳои китобати маъмул дар матн"** масъалаҳои марбут ба корбурди аломатҳои китобат дар матнҳои гуногун баррасӣ гардидаанд. Муаллиф нақши онҳоро дар ташкили сохтори матн, ҷудокунии қисмҳои он, ифодаи муносибатҳои маъноӣ ва таъмини фаҳмиши дурусти мазмун таҳлил менамояд.

Боби сеюми диссертатсия таҳти унвони **"Аломатҳои китобат дар забони англисӣ ва умумияту тафовутҳои корбурди онҳо дар забони тоҷикӣ"** аз се фасл иборат буда, қисми муҳимми таҳлили муқоисавии таҳқиқро ташкил медиҳад. Дар ин боб натиҷаҳои таҳлили муқоисавии истифодаи аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҷамъбаст гардида, хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи онҳо муайян карда шудаанд.

Дар фасли якуми боби сеюм таҳти унвони **"Таҳлили корбурдӣ-функсионалии аломатҳои китобат дар забони англисии муосир"** вазифаҳои амалии аломатҳои китобат дар сатҳи ҷумла ва матн мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Муаллиф бо истифода аз маводди забонӣ нишон медиҳад, ки аломатҳои китобат дар забони англисӣ на танҳо вазифаи ҷудокунии сохторӣро иҷро мекунанд, балки дар ифодаи маъно, оҳанг, муносибатҳои мантиқӣ ва хусусиятҳои услубии матн низ нақши муҳим доранд.

Фасли дуюми боби сеюм таҳти унвони **"Истифодаи аломатҳои китобат дар дискурси компютерӣ"** ба яке аз масъалаҳои муосири забоншиносӣ – корбурди аломатҳои китобат дар муҳити рақамӣ бахшида шудааст. Дар ин фасл хусусиятҳои истифодаи аломатҳои китобат дар шаклҳои нави иртиботи хаттӣ, аз ҷумла, дискурси компютерӣ таҳлил гардида, тағйироти бааломадаа дар муқоиса бо шаклҳои анъанавии навиштор нишон дода

шудаанд. Дар фасли сеюми боби сеюм таҳти унвони **“Умумият ва тафовутҳои корбурди аломатҳои китобат дар забонҳои муқоисашаванда”** натиҷаҳои таҳлили муқоисавии низоми аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҷамъбаст гардидаанд. Муаллиф умумиятҳои асосӣ ва фарқиятҳои сохторӣ, маъноӣ ва функсионалии истифодаи аломатҳои китобатро муайян намуда, хусусиятҳои хоси ҳар ду забонро бо далелҳои мушаххас нишон додааст.

Хулосаи диссертатсия мутобиқи талаботи муқарраргардида таҳия шуда, дар он натиҷаҳои асосии таҳқиқ ҷамъбаст ва масъалаҳои илмии дар назди муаллиф гузоштташуда натиҷагирӣ шудаанд. Муаллиф дар хулоса дастовардҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқро ба таври пайдарпай пешниҳод намуда, тавсияҳои худро оид ба истифодаи натиҷаҳои бадастомада ироа кардааст. Хулосаҳои пешниҳодшуда бо муҳтавои бобҳои диссертатсия мувофиқат дошта, аз таҳлили анҷомдодаи муаллиф бармеоянд.

Мақолаҳои илмии интишорнамудаи муҳаққиқ ба мавзуи диссертатсия мувофиқат намуда, муҳтавои асосӣ, натиҷаҳои муҳим ва ҷанбаҳои назариявию амалии таҳқиқро инъикос менамоянд. Натиҷаҳои асосии таҳқиқ дар мақолаҳои илмии муаллиф ба таври кофӣ инъикос ёфта, дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандае, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудаанд, ба нашр расидаанд.

Мундариҷа ва муҳтавои мақолаҳои интишоршуда нишон медиҳанд, ки муаллиф натиҷаҳои асосии таҳқиқоти худро ба ҷомеаи илмӣ пешниҳод намуда, масъалаҳои калидии марбут ба хусусиятҳои истифодаи аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисиро мавриди баррасӣ қарор додааст. Интишороти илмии довталаб ба талаботи муқарраргардида оид ба ҳаҷм ва мазмуни интишори натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷавобгӯ мебошанд.

Автореферати диссертатсия (ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ба мазмун, муҳтаво ва натиҷаҳои асосии диссертатсияи **Давлатзода Муслим Сайбурҳон** таҳти унвони **“Таҳлили вижагиҳои истифодаи аломатҳои китобат дар**

**забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ”** мувофиқат намуда, дастовардҳои асосии илмии муаллифро ба таври мухтасар ва мантиқӣ инъикос менамояд.

Автореферат тибқи талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, таҳия гардидааст.

Бо вуҷуди дастовардҳои назарраси илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, диссертатсияи мазкур аз баъзе камбудиҳои ҷузъӣ холӣ нест. Эродҳои пешниҳодшаванда бештар хусусияти тавсиявӣ дошта, ислоҳи онҳо метавонад ба такмили минбаъдаи кори илмии муаллиф мусоидат намояд:

1. Унвони боби якум – “Асосноккунии назариявии хусусиятҳои аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” – ба мазмуни умумии боб мувофиқат мекунад. Бо вуҷуди ин, ба назари мо, истифодаи унвони “Асосҳои назариявии омузиши аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” метавонад мазмуни бобро дақиқтар ифода намояд;
2. Ҳадафи асосии таҳқиқ омузиши масъалаи мазкур аз дидгоҳи муқоисавӣ ва муқобилавӣ мебошад. Вале дар баъзе фаслҳои диссертатсия (бахусус, фаслҳои 2.1. ва 2.2.) хусусиятҳои забонҳои муқоисашаванда бештар ба таври ҷудогона баррасӣ шудаанд. Мувофиқи мақсад мебуд, агар муаллиф ҷанбаҳои умумӣ ва фарққунандаи аломатҳои китобатро дар доираи таҳлили муқоисавӣ васеътар нишон медод;
3. Дар баъзе мавридҳо ҳангоми истифодаи истилоҳоти забоншиносӣ дақиқии истилоҳӣ пурра риоя нашудааст. Масалан, фасли 3.1. таҳти унвони **“Таҳлили корбурдӣ-функсионалии аломатҳои китобат дар забони англисии муосир”** номгузорӣ шудааст. Ба назари мо, истилоҳҳои “корбурдӣ” ва “функсионалӣ” аз ҷиҳати маъно ба ҳам наздик буда, истифодаи ҳамзамони онҳо метавонад боиси такрори маъно гардад;
4. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия тарҷумаи номи баъзе сарчашмаҳо ва истилоҳот ба такмил ниёз дорад. Аз ҷумла, ибораҳои “фарҳангҳои тарҷумавӣ” (саҳ. 14), “фарҳанги нутқи хаттӣ” (саҳ. 15), “замонҳои муқабли

таърих” (саҳ. 92) ва чанде дигар метавонанд бо дарназардошти мазмуни аслии онҳо дақиқтар ифода карда шаванд;

5. Дар баъзе қисматҳои диссертатсия ҷумлаҳое ба назар мерасанд, ки аз ҷиҳати услубӣ такмил мехоҳанд ва мазмуни онҳо метавонад равшантар ифода гардад. Масалан: “Барои инсон, ҳамчун мавҷуди иҷтимоӣ, ки ҳамеша ниёзманди муоширату иртибот аст, забон бузургтарин ва беҳтарин васила барои мубодилаи донишҳо ва дар миён гузоштани таҷрибаҳояш мебошад” (саҳ. 13); “Ақидаи дигар мегӯяд, ки хатти финикӣ аз хатти мехӣ гирифта шуда, баъдан ислоҳ ва ба шакли алифбоӣ дароварда шудааст...” (саҳ. 23);

6. Дар диссертатсия иқтибосҳои зиёди илмӣ истифода шудаанд. Ба назари мо, агар муаллиф дар баробари таҳлили андешаҳои муҳаққиқони дигар мавқеи илмии худро нисбат ба масъалаҳои баҳсталаб бештар ифода менамуд, арзиши таҳлилии таҳқиқ боз ҳам боло мерафт;

7. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия (саҳ. 16, 18, 21, 23, 45, 46, 56 ва 77) ғалатҳои ҷузъии имлоӣ, услубӣ ва грамматикӣ ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо сифати таҳририи рисоларо беҳтар хоҳад кард.

Эродҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмӣ, назариявӣ ва амалии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд ва ба натиҷаҳои асосии таҳқиқ таъсири манфӣ намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи **Давлатзода Муслим Сайбурҳон** таҳти унвони **“Таҳлили вижагиҳои истифодаи аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ”** таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб рафта, масъалаҳои дар назди муаллиф гузошташударо ҳаллу фасл менамояд. Натиҷаҳои бадастомада аҳаммияти назариявӣ ва амалии муайян дошта, барои рушди минбаъдаи таҳқиқоти забоншиносии муқоисавӣ ва типологӣ саҳми арзанда мегузоранд.

Диссертатсияи мазкур ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Аз ин рӯ, **Давлатзода Муслим Сайбурҳон** ҳамчун муаллифи диссертатсияи **“Таҳлили вижагиҳои истифодаи аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва**

**англисӣ”** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) сазовор дониста мешавад.

**Муқarrizi расмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи типология ва забоншиносии муқоисавии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” — Азимова Матлюба Нуриддиновна

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Исмоили Сомонӣ,
бинои 20, ҳуҷраи 41.
Тел: (+992) 92 646 80 55
E-mail: sabik_0091@mail.ru

**Имзои доктори илмҳои филологӣ, профессор Азимова Матлюба Нуриддиновнаро тасдиқ мекунам:**
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” — Сайдуллозода З.С.

**Суроғаи муассиса**: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Б. Мавлонбеков, 1.
Тамос: (+992) 928057007
E-mail: zarrina 14.10.70@mail.ru
Сомона: www.hgu.tj

5. 09. 2026